# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ. – Душанбе, 2025.

Дар замони муосир таҳқиқ ва омӯзиши муносибатҳои байналмилалӣ ба унвони як самти муҳими илмҳои таърих ва сиёсӣ аҳамияти вижа пайдо кардааст. Аз ҷумла, равобити Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бо шарикони асосии худ дар минтақа ва ҷаҳон яке аз масоили калидии сиёсати хориҷӣ ба шумор меравад.

Аз миёни чунин шарикон, Хитой мақоми барҷаста ва махсусро ишғол менамояд. Бо дарназардошти воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва геостратегии минтақа равобити Тоҷикистону Хитой тайи солҳои соҳибистиқлолӣ ба яке аз самтҳои калидии сиёсати хориҷии Тоҷикистон табдил ёфтанд. Аз ин хотир, метавон гуфт, ки маҳз ҳамин омил таҳқиқи илмии мавзӯи мазкурро зарур мегардонад. Ба хусус, давраи солҳои 1991–2021 марҳалаи муайянкунандаи рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳо буда, дорои аҳамияти хос барои таҳлили дурнамои ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Маҳз ҳамин зарурат боис гардид, ки муҳаққиқ Зокиров Иброҳим Исмоилович ба омӯзиши масъалаи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» рӯ оварад ва онро ҳамчун мавзуи асосии диссертатсияи худ интихоб намояд.

Мавзуъ ҳам аз дидгоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ дорои аҳамияти баланд мебошад, зеро он ба омӯзиши раванди ташаккул ва такомули муносибатҳои ду кишвар, ки имрӯз яке аз самтҳои калидии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, бахшида шудааст. Ҳамзамон, омӯзиши он имкон медиҳад, ки равандҳои геополитикӣ ва манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар чорчӯбаи ҳамкориҳо бо Хитой амиқтар равшан карда шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.** Диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати мавзуъ, доираву мақсадҳои таҳқиқот ва муҳтавои илмӣ ба талаботи ихтисоси 07.00.15-Таърихи

муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ комилан мувофиқат мекунад. Зеро муаллиф дар таҳқиқоти худ ба омӯзиши равандҳо ва хусусиятҳои ташаккули муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо Хитой пардохтааст.

Инчунин, аз нигоҳи мавзуъ, таҳқиқот масъалаҳои зеринро фаро мегирад:

- равандҳои сиёсӣ ва дипломатии ташаккули муносибатҳои Тоҷикистону Хитой;
- таҳаввулоти иқтисодӣ ва нақши сармоягузории Хитой дар Тоҷикистон;
- ҳамкориҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ ҳамчун омили таҳкими дӯстӣ ва эътимод;
- ҳамкории кишварҳо дар ҳифзи амният ва таъмини суботи минтақавӣ;
- нақши ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (СММ ва СҲШ) дар рушди муносибатҳои дуҷониба.

Маҳз ҳамин масоил далели возеҳ мебошанд, ки диссертатсия ба самти илмии таърихи муносибатҳои байналмилалӣ рост меояд ва масъалаҳои калидии ихтисосро фаро мегирад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Мавзуи таҳқиқотии «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)», ки аз ҷониби унвонҷӯ Зокиров И.И. мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Мубрам будани мавзуъро мо дар омилҳои зерин дида метавонем:

**Аввалан,** равобити Тоҷикистону Хитой яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба ҳисоб меравад. Дар шароите ки Тоҷикистон ҳамчун давлати навбунёд ниёз ба шарикони боэътимод дошт, Хитой яке аз аввалин кишварҳо буд, ки истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф кард ва муносибатҳои расмиро бо он барқарор намуд. Ҳамин ҳолат зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи ташаккул ва рушди ин муносибатҳоро бештар мегардонад.

**Дуюм,** бо назардошти воқеиятҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ, Хитой барои Тоҷикистон шарики асосӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ гардид. Масоили амниятӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, ҳамкориҳои энергетикӣ ва нақлиётӣ ба унвони самтҳои муҳими робитаҳои ду кишвар шомил шуданд. Аз ин рӯ, таҳқиқи таҷрибаи ҳамкорӣ бо Хитой барои

дарёфти роҳҳои нави густариши сиёсати хориҷӣ ва иқтисоди миллӣ аҳамияти калон дорад.

**Сеюм,** дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати геополитикии қудратҳои бузург, Тоҷикистон зарур медонист, ки муносибатҳои худро бо Хитой ҳамчун яке аз марказҳои асосии қудрати ҷаҳонӣ таҳким бахшад. Аз ҳамин лиҳоз, таҳқиқи илмии равобити Тоҷикистону Хитой на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

**Чорум,** ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой дар чорчӯбаи ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони ҳамкории Шанхай барои таҳкими амнияти минтақавӣ ва рушди ҳамгироии иқтисодӣ нақши калидӣ мебозанд.

**Панҷум,** мавзуи мазкур то имрӯз дар илми таърихи муосири Тоҷикистон танҳо ба таври ҷузъӣ таҳқиқ шудааст. Бо вуҷуди як қатор мақолаҳо ва асарҳо, то ҳол таҳқиқоти мукаммал ва системавӣ оид ба тамоми марҳилаҳои муносибатҳои Тоҷикистону Хитой (аз соли 1991 то 2021) кам ба назар мерасад. Диссертатсияи мазкур маҳз ҳамин холигиро пур мекунад.

Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқшуда дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, метавонад ба рушди минбаъдаи илми таърих ва таҳқиқоти сиёсати хориҷии кишвар мусоидат намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.** Навгониҳои илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада пеш аз ҳама дар он ифода меёбанд, ки муаллиф нахустин маротиба талош намудааст истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитойро дар солҳои истиқлолият ҳамчун як раванди мукаммал ва ҳамбастаи таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Таҳқиқоти анҷомёфта робитаҳои ду кишварро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ дар доираи замони мушаххас (1991–2021) бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ ва таҳлили муфассал арзёбӣ менамояд, ки то имрӯз дар илми таърихшиносӣ дар шакли маҷмӯӣ инъикос наёфтааст.

Илова бар ин, навгониҳои илмӣ дар таҳлили заминаҳои таърихии ташаккули робитаҳои тоҷикию хитойӣ, инъикоси барқароршавии муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатӣ дар давраи истиқлолият, омӯзиши вазъи иқтисодии ду кишвар дар марҳилаи гузариш, нишон додани динамикаи рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва самтҳои асосии он, баррасии робитаҳои фарҳангӣ ва маориф, инчунин, таҳлили ҳамкориҳои дуҷониба дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СҲШ ва СММ ифода меёбад. Ҳамаи ин паҳлуҳои нав ба таври илмиву таҳлилӣ

асоснок гардида, саҳми муҳиме дар рушди илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ мегузоранд.

**Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Муаллиф дар 6 банд нуктаҳои илмии таҳқиқоти худро барои ҳимоя пешниҳод кардааст, ки онҳо пеш аз ҳама ба таҳқиқи заминаҳои таърихӣ ва рушди минбаъдаи робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Хитой рабт доранд. Муаллиф нишон додааст, ки ҳамкориҳои тоҷикию хитойӣ решаҳои амиқи таърихӣ дошта, аз давраи Роҳи Абрешим то замони муосир идома ёфтаанд ва дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон шакли нав касб намуданд. Барқарорсозии муносибатҳои дипломатӣ 4 январи соли 1992 ва таъсиси сафоратхонаҳо нуқтаи ибтидоии марҳалаи муосири ин робитаҳо гардид, ки дар натиҷа ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ босуръат тавсеа ёфтанд.

Илова бар ин, тадқиқот нишон медиҳад, ки рушди мунтазами ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо афзоиши назарраси гардиши мол, густариши сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак ҳамроҳ шудааст. Муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаи маориф ва фарҳанг низ аҳамияти назаррас дошта, бо ҷалби садҳо донишҷӯён ва баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ таҳким ёфтаанд. Ҳамчунин, ҳамкориҳои фаъол дар доираи СҲШ ва СММ ба он далолат мекунад, ки ҳарду кишвар дар масъалаҳои муҳими байналмилалӣ мавқеи наздик доранд ва ташаббусҳои якдигарро дастгирӣ менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович бо истифодаи манбаъҳои сершумор ва гуногунсатҳавӣ таҳия шудааст, ки он ба эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада далели возеҳ мебошад. Муаллиф ба таври фарогир аз ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, шартномаҳои дуҷониба, санадҳои байналмилалӣ, ахбори расмии ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Хитой, инчунин, мақолаҳо ва таҳқиқоти илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ истифода бурдааст.

Муҳимтарин ҷанбаи эътимоднокии кор дар он аст, ки муаллиф кӯшиш кардааст таҳқиқоти худро танҳо ба таҳлилҳои умумӣ маҳдуд насозад, балки бо такя ба маълумоти оморӣ вазъи воқеии муносибатҳоро инъикос намояд.

Ҳамзамон, муаллиф бо истифода аз таҳлилҳои муқоисавӣ нишон додааст, ки чӣ гуна равобити Тоҷикистон бо Хитой дар муқоиса бо солҳои пешин аз лиҳози ҳаҷми сармоягузорӣ, тиҷорат ва ҳамкории

амниятӣ ташаккул ёфта, ба сатҳи сифатан нав омада расидааст. Ин равиши таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки хулосаҳо бо далелҳои воқеӣ асоснок гарданд.

Тавсияҳои муаллиф низ дорои аҳамияти амалӣ мебошанд. Ӯ пешниҳод кардааст, ки Тоҷикистон бояд ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузориро бо Хитой ба таври мутавозин идома диҳад, ҳамзамон, механизме барои ҳифзи манфиатҳои миллии худ таҳия намояд. Муаллиф таъкид мекунад, ки Тоҷикистон бояд сиёсати хориҷии чандсамтиро идома диҳад ва дар ҳамкорӣ бо Хитой набояд аз равобити дигар бо кишварҳои абарқудрат ва созмонҳои байналмилалӣ канор монад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок, балки аз ҷиҳати амалӣ низ эътимодбахш мебошанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович аз рӯи меъёрҳои илмӣ ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дорои тамоми қисматҳои зарурии илмӣ мебошад. Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар оғози кор рӯйхати ихтисораҳо ҷой дода шудааст, ки барои фаҳмонидани истилоҳот ва калимаҳои кӯтоҳшудаи истифодашуда дар ҷараёни таҳқиқот мусоидат мекунад.

**Муқаддима** ба таври муфассал мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот, объекти омӯзиш, предмет, асоси мантиқию методологӣ ва манбаи илмиро инъикос мекунад. Дар ин бахш, ҳамчунин, дараҷаи таҳқиқоти мавзуъ дар илми муосир, навгонӣ ва аҳамияти назариявию амалии кор асоснок гардидааст.

**Боби якум** – “Ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой” аз ду зербоб иборат буда, ба масъалаҳои таърихии ташаккули робитаҳои ду халқ ва марҳалаи барқароршавии муносибатҳои расмии сиёсӣ ва дипломатӣ дар солҳои истиқлолият бахшида шудааст. Дар зербоби якум заминаҳои таърихӣ аз давраи қадим то замони муосир таҳлил мешаванд, дар ҳоле ки зербоби дуюми ин боб равандҳои сиёсӣ ва дипломатии давраи истиқлолияти Тоҷикистонро фаро мегирад.

**Боби дуюм** – “Ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой” низ аз ду зербоб иборат буда, асосан масоили иқтисодиву тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои дуҷонибаро

мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар зербоби якуми ин боб вазъи иқтисодии ҳар ду кишвар дар охири асри XX ва оғози асри XXI таҳқиқ шудааст. Дар зербоби дуюм бошад, динамикаи рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, самтҳои калидии он, инчунин, мушкилот ва имкониятҳои рушди минбаъда баррасӣ мегарданд.

**Боби сеюм –** "Ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои маориф, фарҳанг ва дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ" самтҳои ғайрииқтисодии робитаҳои ду кишварро инъикос мекунад. Дар зербоби якум ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва фарҳанг, аз ҷумла равобити донишгоҳӣ, мубодилаи донишҷӯён, рӯзҳои фарҳангӣ ва дигар лоиҳаҳои илмӣ-маърифатӣ таҳлил шудаанд. Зербоби дуюми ин боб бошад, ҳамкориҳои ду кишварро дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ, бахусус, СҲШ ва СММ мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст.

Дар қисмати хулосавӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст гардида, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар охири диссертатсия рӯйхати муфассали адабиёт ва сарчашмаҳо оварда шудааст, ки аз манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ иборат буда, бо риояи меъёрҳои библиографӣ тартиб дода шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои бадастомадаи ин таҳқиқот дорои аҳамияти гуногунҷанба мебошанд, Аз ҷумла:

**Аҳамияти илмӣ.** Аз ҷиҳати илмӣ, диссертатсия ба рушди соҳаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд. Ин таҳқиқот имконият медиҳад, ки дониши мавҷуда дар бораи равобити Тоҷикистону Хитой такмил ва ғанӣ гардад. Бо системасозии марҳалаҳои муносибат ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни онҳо, муаллиф саҳми назаррас дар таҳқиқоти илми таърих мегузорад.

Диссертатсия метавонад ҳамчун сарчашмаи боэътимод барои муҳаққиқони оянда, донишҷӯён ва аспирантон истифода шавад. Инчунин, метавонад дар таҳияи курсҳои таълимӣ оид ба таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва таърихи муосири Осиёи Марказӣ мусоидат кунад.

**Аҳамияти амалӣ.** Аз нигоҳи амалӣ, хулоса ва тавсияҳои диссертатсия метавонанд барои мақомоти давлатӣ ва сохторҳои масъули сиёсати хориҷии Тоҷикистон муфид бошанд. Масалан, тавсияҳои муаллиф дар бораи таҳкими мувозинат дар ҳамкориҳои иқтисодӣ бо

Хитой ва зарурати рушди инфрасохторҳои дохилӣ метавонад барои таҳияи стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои рушди иқтисодӣ истифода гардад.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти марказҳои таҳлилӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. Онҳо метавонанд ба ҳукумати кишвар дар қабули қарорҳои оқилона ва асоснок оид ба сиёсати хориҷӣ кумак расонанд.

**Аҳамияти иқтисодӣ.** Аз лиҳози иқтисодӣ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки Хитой имрӯз яке аз сармоягузорони асосӣ ва шарики муҳими тиҷоратии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф бо таҳлили оморӣ собит намудааст, ки бе ҷалби сармоягузории Хитой, татбиқи як қатор лоиҳаҳои муҳими зерсохторӣ дар Тоҷикистон ғайриимкон мебуд.

**Аҳамияти иҷтимоӣ.** Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой ба беҳбудии сатҳи зиндагии мардум мусоидат намудаанд. Лоиҳаҳои зерсохторӣ, аз ҷумла роҳҳо, нерӯгоҳҳо ва шабакаҳои энержӣ, ба рушди минтақаҳои дурдаст ва баланд бардоштани сифати зиндагӣ дар ҷомеа мусоидат карданд. Довталаб ба таври асоснок нишон додааст, ки ин равандҳо таъсири иҷтимоии мусбат доранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Яке аз талаботи асосии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи диссертатсияҳои илмӣ он аст, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот бояд дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чоп шуда бошанд. Ин меъёр на танҳо барои эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ, балки барои шинохти саҳми муҳаққиқ дар ҷомеаи илмӣ низ аҳамияти калон дорад.

Муаллиф – Зокиров Иброҳим Исмоилович ба ин талабот пурра риоя намудааст. Дар диссертатсия қайд мешавад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар як қатор мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои конференсиявӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла мақолаҳои ӯ дар 5 мақолаи илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Аз ин рӯ нашри чунин мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ аз он далолат мекунад, ки натиҷаҳои диссертатсия аз ҷониби ҷомеаи илмӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифта, қобили қабул ва истифода дониста шудаанд.

Бешубҳа, ин ҳолат ба довталаб имкон додааст, ки хулоса ва тавсияҳои пешниҳодкардаашро такмил бахшида, бо назардошти мулоҳизаҳои муҳаққиқони дигар таҳқиқоти худро мукаммал намояд.

Бояд қайд кард, ки теъдоди маводи нашршуда ба банди 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Дар баробари ин, мехоҳам баъзе камбудиҳои ҷузъиеро, ки дар диссертатсия дида мешаванд, барои беҳтар шудани кори илмии мазкур пешниҳод намоям. Аз ҷумла:

1. Таҳлили муқоисавии муносибатҳои Тоҷикистону Хитой бо дигар кишварҳои минтақа (масалан, Қазоқистон ё Қирғизистон), ки метавонад аҳамияти илмии мавзуъро баланд бардорад, дар диссертатсия дида намешавад.
2. Муносибатҳои Тоҷикистону Хитой асосан аз дидгоҳи расмӣ ва ҳуҷҷатӣ шарҳ ёфтаанд, аммо нуқтаи назару дидгоҳи мутахассисон, коршиносон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар матн кам инъикос шудааст.
3. Таҳлили оморӣ ва динамикаи рақамӣ маҳдуд аст. Дар баъзе мавридҳо далелҳо оварда шудаанд, вале муқоисаи он бо таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя ё тамоюлҳои ҷаҳонӣ анҷом дода нашудааст.
4. Дар матни диссертатсия баъзан иштибоҳҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ, тавсия ва норасоиҳои зикргардида хислати ҷузъию тавсиявӣ дошта, сатҳ ва мазмуну муҳтавои илмии рисоларо ҳаргиз коста намегардонанд ва ислоҳи онҳо аз назари сифатӣ ба он мазмуну муҳтаво зам мекунад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати расмият ва услуб ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат мекунад.

Пеш аз ҳама, сохтори диссертатсия бо меъёрҳои илмӣ мутобиқ мебошад. Муаллиф ба талаботи иқтибос ва истинодҳои илмӣ низ риоя намудааст. Ҳар як далел бо такя ба сарчашмаҳо асоснок гардида, рӯйхати адабиёт манбаъҳои гуногун, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, созишномаҳои байналмилалӣ, таҳқиқоти муҳаққиқони маъруф ва мақолаҳои илмиро дар бар мегирад.

Истифодаи забони илмӣ ва услуби таҳлилӣ низ аз меъёрҳои расмии илмӣ берун намебарояд. Ҷумлаҳо дақиқ, мазмундор ва равшан буда, истилоҳоти илмӣ ба таври дуруст истифода шудаанд. Диссертатсия аз лиҳози орфографӣ ва услубшиносӣ низ ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти ҳамаи ҷанбаҳои зикршуда, метавон гуфт, ки диссертатсия ба таври комил ба талаботи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад ва аз нигоҳи шаклӣ ва мазмунӣ барои ҳимоя омода мебошад. Автореферати он низ, ки аз муҳтаво ва моҳияти диссертатсия бармеояд, ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович оид ба мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» метавон хулоса кард ва гуфт, ки таҳқиқоти илмии мазкур таҳқиқи мукаммал ва анҷомёфта маҳсуб ёфта, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15-таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқаррризи расмӣ,**
**мудири шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои**
**Мустақили Институти омӯзиши**
**масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои таърих** **Сайидзода Зафар Шералӣ**

(Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 33; Тел.: (+992) 902-88-88-16;
E-mail: zafarsaidov61@gmail.com )

**"Имзои Сайидзода З.Ш.-ро тасдиқ**
**мекунам."**
**Нозири калони кадрҳо** **Бекова О.Н.**

(Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.: (+992 37) 221-03-28,
E-mail: info@osiyoavrupo.tj. Сомона: http://www.osiyoavrupo.tj)

«14» 10 соли 2025